«Тасдиқ мекунам»
Директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.и. Махмадбекзода М.Ш.
«_5_» ___01___ 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва навгониҳои он ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ): 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғ); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ; 16. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ки он аз вазъи муносибати иҷтимоӣ ва меҳнатии аҳолӣ вобаста аст.

Сатҳи пасти рушди иқтисодиёт дар марҳалаҳои аввали истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои муҳими соҳаи иҷтимоию меҳнатиро ба миён овард, ки бе ҳалли онҳо сатҳи зиндагии аҳолиро бардоштан аз имкон берун аст.

Аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани амсилаҳои (моделҳо)-и ноустувор ва пешбурди амсилаҳои устувори истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳимми рушди устувори инсон диниста мешавад. Набудани ҷои кор, манзили мусоид, марказҳои гармидиҳӣ, канализатсия ва системаҳои доимии иртиботи роҳ, рушди нокифояи системаи тандурустӣ дар деҳот, коҳиши воқеии сатҳи хизматрасонии тиббӣ, хуруҷи бемориҳои гуногун ба ҳолати иҷтимоию меҳнатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расонида, боиси муҳоҷирати сокинон ба дохил ва хориҷи кишвар гардид, ки аз камбудиҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ далолат менамояд. Ин ба қобилияти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди Тоҷикистон ва некуаҳволии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад. Маҳз таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, баҳои ҳолати муосир ва намудани самтҳои такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ мубрамияти мавзуи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда.** Дар вақти баррасӣ ва таҳлили амиқи кори тақризшаванда маълум карда шуд, ки Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, воқеан дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, онҳо дар коркарди самтҳои асосии назариявӣ ва ташкилию методии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ оид ба такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ зоҳир мегардад.

Ба ақидаи мо натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардидаанд:

– дар назарияи моҳияти сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, мафҳуми нав, чун «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҷмуи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истеъмолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тиб, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш» пешниҳод шудааст;

– принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоиро дар намуди ҷадвал ба ҳашт гурӯҳ: таъмини имконияти захиравӣ, адолати иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, ҷуброни иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ, принсипи афзалият додан ба ташаббусҳои ҷамъиятӣ, муттасилӣ тақсим намуда, вобаста ба ин принсипҳо вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ: ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва тобеи истеҳсолот ба манфиатҳои истеъмолот, тақвияти ҳавасмандгардонии меҳнат ва соҳибкорӣ, таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ ва ҳувияти миллӣ муайян карда шудааст;

– таҷрибаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозориро таҳқиқ намуда, истифодаи се амсила – скандинавиявӣ (Дания, Шветсия, Финляндия), континенталӣ (Олмон, Австрия, Фаронса ва кишварҳои Бенилюкс), англо-саксонӣ (Британияи Кабир ва Ирландия), кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон бо маблағгузории тавассути барномаҳои иҷтимоии Россия, муҳайё намудани шароити моддӣ барои волидони худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Чин, сиёсати шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини стандарти миллии сифати зиндагии Қазоқистон барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон қобили қабул дониста шудааст;

– муайян карда шудааст, ки сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар он зоҳир мегардад, ки механизми иҷрои ин барномаҳо муайян карда намешаванд ва системаи чорабиниҳои ба назар гирифташаванда пояи молиявӣ надоранд ва сарчашмаҳои иҷрояшон ноаёнанд. Даромади хонавода хароҷоти онро намепӯшонад. Афзоиши миёнасолонаи аҳолӣ дар як сол 2,22% ва афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода намешаванд. Ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ, ки 65,4 фоизи захираҳои меҳнатӣ машғуланд ба 4,69 сомонӣ дар 1 одам/соат ташкил медиҳад. Миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ бо сабаби ба дигар категория гузаштанаш тамоюли пастравӣ дорад. Сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он ба талабот ҷавобгӯ нест. Ба 1000 кӯдак дар шаҳрҳо 8,2 муассисаи томактабӣ ва дар деҳот 1,1 муассиса рост меояд, ки ин хеле кам аст. Сатҳи китобхонии аҳолӣ коҳиш ёфтааст. Таъмини аҳолӣ бо манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ 5,6%, сокини шаҳр -13,0%, деҳот - 6,1% коҳиш ёфтааст;

– асоснок карда шудааст, ки таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, механизмҳои асосии он:

- ташкили ҷойҳои нави кориро дар назар дорад, ки шуғли пурсамарро таъмин намояд;
- фаъол гардондани корхонаҳои ғайридавлатигардида, тавассути баланд бардоштани андоз аз моликият;
- таҳияи барномаи «Рушди манзил дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», тавассути ташкили «Фонди манзили деҳот», ки метавонад дар пояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ шавад;
- «Фонди манзили деҳот», дар ҷамоатҳои деҳот ташкил карда шуда маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аҳолӣ ва дигар табақаҳои аҳолиро муттаҳид намуда, сохтмони манзилро барои деҳотиён ба роҳ монад;

- таҳияи барномаи дарозмуддати мақсадноки «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030» барои навсозии системаи таҳсилоти касбӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии «Рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди агротуризм», «Майдончаҳои хурди варзишӣ» чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ хизмат менамояд;

– исбот карда шудааст, ки барои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар мадди аввал ташаккули системаи шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ меистад ва амсилаи тақсимоти захираҳо байни давлат ва бахши хусусӣ ва амсилаи молиявии ташкили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самтҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- ташаккули корхонаҳои калони агросаноатӣ дар партави иҷрои консепсияи кластерикунонӣ ва мукаммалгардонии корхонаҳои хурд, бо мақсади иҷрои қарори Конфронси байналмилалӣ оид ба рушди устувори Рио-де-Жанейро (1992), ки ба корфармоён барои баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии онҳо;
- татбиқи таҷрибаи сиёсати иҷтимоӣ дар ҶСП Чжунтай - Данғара Синсилу текстили ноҳияи Данғара дар дигар корхонаҳои калони вилоят, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барномаи худро доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ, алалхусус, пешниҳоди муаллифии мафҳуми сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, гурӯҳбандии принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва муайян намудани вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ, механизмҳои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоию меҳнатии мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ ва татбиқи он барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон, муайян намудани сабабҳои асосии

иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон, асоснок намудани таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ, пешниҳод намудани амсилаҳо ва механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ иборатанд.

Ин баҳогузории мо бо эътимоднокии баланди манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардшуда оид ба мавзуи таҳқиқшуда, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, бо чопи натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфузи илмӣ тасдиқ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муаллифи диссертатсия Гулов И.Х. барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузоштааш бо истифода аз усулҳои гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, монографӣ, иқтисодӣ - оморӣ, диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, баҳисобгирӣ - конструктивӣ, таҷрибавӣ ва кор бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати иҷтимию меҳнатӣ имконият медиҳанд ва самтҳои асосии такмили пешниҳод карда шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба такмили сиёсати иҷтимию меҳнатӣ дар шароити муосири иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо истифода намудан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор пешниҳодҳои муаллиф ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди истифода қарор гирифта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои дарозмуддати мақсадноки иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузоштаишуда, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмил додан, таҳлили ҳолати кунунӣ, пешниҳоди самтҳо, таҳияи амсилаҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатии минтақа саҳми босазое гузоштааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва муқарраротии асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ, Шурои илмии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ гардидаанд.

Маълум гардид, ки муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ гардидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 188 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 31 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ошкор карда шудаанд, навоварии илмӣ ва муҳиммияти амалии кор муайян карда шуда, объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявию методии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»**, моҳияти илмии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия, моҳияти сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, дар мафҳуми нав, чун «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҷмуи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани

сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истеъмолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тиб, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш» пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар шароити кунунӣ, доир ба моҳият ва мазмуни ибораи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, ки яке дигарашро пурратар менамояд.

Дар диссертатсия, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоиро дар намуди ҷадвал ба ҳашт гурӯҳ: таъмини имконияти захиравӣ, адолати иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, ҷуброни иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ, принсипи афзалият додан ба ташаббусҳои ҷамъиятӣ, муттасилӣ тақсим намуда, вобаста ба ин принсипҳо вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ: ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва тобеи истеҳсолот ба манфиатҳои истеъмолот, тақвияти ҳавасмандгардонии меҳнат ва соҳибкорӣ, таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ ва ҳувияти миллӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф, таҷрибаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти бозориро таҳқиқ намуда, истифодаи се амсила – скандинавиявӣ (Дания, Шветсия, Финляндия), континенталӣ (Олмон, Австрия, Фаронса ва кишварҳои Бенилюкс), англо-саксонӣ (Британияи Кабир ва Ирландия), кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон бо маблағгузории тавассути барномаҳои иҷтимоии Россия, муҳайё намудани шароити моддӣ барои волидони худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Чин, сиёсати шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини стандарти миллии сифати зиндагии Қазоқистон барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон қобили қабул дониста шудааст.

**Дар боби дуюм «Арзёбии вазъи муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили ҳолати муосир ва самтҳои иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон, таҳлили сатҳи музди меҳнат ва

нафақа, чун нишондиҳандаи баҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва баҳои таҳия ва таъмини иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода шудааст.

Муаллиф, қайд намудааст, ки сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар он зоҳир мегардад, ки механизми иҷрои ин барномаҳо муайян карда намешаванд ва системаи чорабиниҳои ба назар гирифташаванда пояи молиявӣ надоранд ва сарчашмаҳои иҷрояшон ноаёнанд. Даромади хонавода хароҷоти онро намепӯшонад. Афзоиши миёнасолонаи аҳолӣ дар як сол 2,22% ва афзоиши миёнасолонаи нафақахӯрон 2,48 фоизро ташкил медиҳад, ки доир ба тадриҷан пир шудани аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода намешаванд. Ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ, ки 65,4 фоизи захираҳои меҳнатӣ машғуланд ба 4,69 сомонӣ дар 1 одам/соат ташкил медиҳад. Миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ бо сабаби ба дигар категория гузаштанаш тамоюли пастравӣ дорад. Сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он ба талабот ҷавобгӯ нест. Ба 1000 кӯдак дар шаҳрҳо 8,2 муассисаи томактабӣ ва дар деҳот 1,1 муассиса рост меояд, ки ин хеле кам аст. Сатҳи китобхонии аҳолӣ коҳиш ёфтааст. Таъмини аҳолӣ бо манзил ба ҳар як сокини вилоят дар давраи солҳои 2015-2022 дар маҷмуъ 5,6%, сокини шахр -13,0%, деҳот - 6,1% коҳиш ёфтааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»** тавассути таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣ – самти асосии такмили сиёсати иҷтимоӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ – роҳи асосии таъмини иҷрои сиёсат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ-имконияти асосии иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст.

Асоснок карда шудааст, ки таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат ва таъмини иҷрои онҳо, чун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, механизмҳои зерини он муайян карда шудааст, ки иборат аз:

- ташкили ҷойҳои нави кориро дар назар дорад, ки шуғли пурсамарро таъмин намояд;

- фаъол гардондани корхонаҳои ғайридавлатигардида, тавассути баланд бардоштани андоз аз моликият;

- таҳияи барномаи «Рушди манзил дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», тавассути ташкили «Фонди манзили деҳот», ки метавонад дар пояи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ шавад;

- «Фонди манзили деҳот» дар ҷамоатҳои деҳот ташкил карда шуда маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аҳолӣ ва дигар табақаҳои аҳолиро муттаҳид намуда, сохтмони манзилро барои деҳотиён ба роҳ монад;

- таҳияи барномаи дарозмуддати мақсадноки «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030» барои навсозии системаи таҳсилоти касбӣ;

- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии «Рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди агротуризм», «Майдончаҳои хурди варзишӣ» чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ хизмат менамояд;

Муаллиф, исбот намудааст, ки барои рушди сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар мадди аввал ташаккули системаи шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ меистад ва амсилаи тақсимоти захираҳо байни давлат ва бахши хусусӣ ва амсилаи молиявии ташкили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самтҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- ташаккули корхонаҳои калони агросаноатӣ дар партави иҷрои консепсияи кластерикунонӣ ва мукаммалгардонии корхонаҳои хурд, бо мақсади иҷрои қарори Конфронси байналмилалӣ оид ба рушди устувори Рио-де-Жанейро (1992), ки ба корфармоён барои баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии онҳо;

- татбиқи таҷрибаи сиёсати иҷтимоӣ дар ҶСП Чжунтай - Данғара Синсилу текстили ноҳияи Данғара дар дигар корхонаҳои калони вилоят, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барномаи худро доранд.

**Дар хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва автореферат̧ҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда» омода гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи ҳадафҳои стартегии кишвар нигаронида шудааст.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Новобаста аз дастоварду муваффакиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест.

Муҳиммияти мавзуи дисссртатсия бо факту рақамҳои вокеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр бамаврид мебуд.

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ хело хуб истифода кардааст, аммо баҳси муаллиф

нисбатан камтар ба назар мерасад.

2. Мазмун ва мундарикаи диссертатсия боз ҳам бою ғанӣ мегардид, агар муаллиф дар раванди кори диссертатсионӣ сабабҳои ичро нагардидани барномаҳои рушди ичтимоию иқтисодии минтақаро муайян намуда, роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод менамуд.

3. Муаллиф аз маводу маълумотҳои оморӣ хеле хуб истифода намудааст, вале кори диссертатсионӣ беҳтар мегардид, агар аз ҳар як ҷадвал хулоса бароварда мешуд.

4. Диссертатсия аз ҳатогиҳои имлоӣ ва стилистӣ орӣ нест

Вале, камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ва авторефарати он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021).** Диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмии тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ тавзеҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267, аз 30.06.2021) таҳия гардидааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Гулов Искандар Хасанович

сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» аз санаи 4-уми январи соли 2024, протоколи №2 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Директори МД
«Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолӣ», н.и.с. Маҳмадбекзода М.Ш.

**Ташхисгар:**
н.и.и., мудири шуъбаи бозори меҳнат
ва шуғли аҳолии МД «Пажӯҳишгоҳи
меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» Васиев Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., мудири шӯъбаи танзими
масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии
МД «Пажӯҳишгоҳи
меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» Раимдодов У.С.

Имзои Маҳмадбекзода М.Ш., Васиев Ф.М., Раимдодов У.С. – ро тасдиқ мекунам:

Мудири шӯъбаи кадрҳои
МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонбекова С.Ш.

Суроғаи пажуҳишгоҳ:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5,
e-mail: nii-truda@mail.ru
тел: (+992) 907839645
«5» 01 2024